# Суратмаҷлиси №5

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-036
назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

аз 1 июн соли 2022 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2022, №90/шд тасдиқгардида, 10 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шӯро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи **“Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ** (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).

**Шунида шуд:**

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи эскпертии шурои диссертатсионӣ С. Шербоев, аъзои комиссияи экспертӣ Ш. Каримов ва Г. Абдуллоева баромад намуданд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи **“Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ** (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ)”

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- **Парвонахон Ҷамшедов** – доктори илми филология, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- **Азизова Мастона Ҳамидовна** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Бо сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 24.09.2022, соати 15:00 таъйин карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд:** якдилона.

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор — Ҷабборова М.Т.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илми филология, дотсент — Ҳасанова Ш. Р.